**ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО»**

# НИЗОМНОМАИ
# КАФЕДРАИ БЕМОРИҲОИ КӮДАКОНАИ №2

**ДУШАНБЕ-2021**

**ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО»**

«Тасдиқ мекунам»
Раиси Шӯрои олимони МДТ «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино» д.и.т., профессор
Гулзода М.К. ____________
«30» 09 ____ соли 2021

# НИЗОМНОМАИ
# КАФЕДРАИ БЕМОРИҲОИ КӮДАКОНАИ №2

**ДУШАНБЕ-2021**

МУНДАРИҶА

1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ.....................................................................4

2. МАҚСАДИ КАФЕДРАИ БЕМОРИҲОИ КӮДАКОНАИ №2............6

3. СОХТОРИ КАФЕДРАИ БЕМОРИҲОИ КӮДАКОНАИ №2...........6

4. ВАЗИФАҲОИ КАФЕДРАИ БЕМОРИҲОИ КӮДАКОНАИ №2.......7

5. ҲУҚУҚҲОИ КАФЕДРАИ БЕМОРИҲОИ КӮДАКОНАИ №2..........8

6. ВАЗИФАҲОИ МУДИРИ КАФЕДРАИ БЕМОРИҲОИ КӮДАКОНАИ №2...............................................................................9

7. УҲДАДОРИҲОИ КАФЕДРАИ БЕМОРИҲОИ КӮДАКОНАИ №2...........................................................................................10

8. ВАРАҚАИ БАҚАЙДГИРИИ ТАҒЙИРОТ...........................................11

10. ВАРАҚАИ ТАСДИҚ.........................................................................12

11. ВАРАҚАИ ШИНОСОӢ....................................................................13

# 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи кафедраи бемориҳои кӯдаконаи №2 (минбаъд Низомнома) дар асоси Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Низомномаи кафедраи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Оинномаи Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино», Қоидаҳои тартиботи меҳнатии дохилии МДТ "ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино", Шартномаи коллективии байни КИКК ва Донишгоҳ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

2. Кафедра сохтори асосии таълимию илмии Донишгоҳ ба шумор рафта, фаъолияти худро дар самти корҳои таълимию методӣ, илмию таҳқиқотӣ, иҷтимоию тарбиявӣ ва робитаҳои байналмилалӣ дар мувофиқа ба Раёсати Донишгоҳ ба роҳ мемонад. Корҳои таълимию методӣ ва илмию таҳқиқотии кафедра бояд ба самти асосии фаъолият ва нақшаи таълимии ихтисоси кафедраи бемориҳои сироятии кӯдакона, ки омузонидани он аз Ҷониби Донишгоҳ муқаррар карда шудааст, мутобиқат намоянд.
3. Кафедра тибқи муқаррароти амалкунанда дар асоси қарори Шӯрои олимони МДТ "ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино", бо фармоиши ректори донишгоҳ дар мувофиқа бо муассиса таъсис ё барҳам дода мешавад.
4. Кафедра дар асоси талаботҳои мавҷуда барои таъсис додани он ташкил карда шудааст.
5. Кафедраро мудир, ки номзадии ӯ аз ҳисоби ҳайати профессорону омӯзгорон, ё шахсони дорои дараҷа ва унвони илмӣ пешбарӣ тариқи овоздиҳии пинҳонӣ дар ҷаласаи Шӯрои олимони Донишгоҳ ба муҳлати 5 сол интихоб карда шудааст, роҳбарӣ менамояд.
6. Мудири кафедра дар асоси Низомномаи мазкур ва шартномаи меҳнатӣ аз ҷумлаи докторони илм ва номзадҳои илм ба вазифа интихоб карда мешавад.
7. Дар озмуни ишғоли вазифаи мудири кафедра метавонанд шахсони дорои дараҷа ва унвони илмӣ иштирок намоянд. Мудири кафедра барои як муҳлат ба тариқи овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои олимони Донишгоҳ интихоб карда мешавад. Шахсони дорои дараҷа ва унвони илмӣ дар озмуни ишғоли вазифаи мудири кафедра танҳо дар ду муҳлат иштирок карда метавонанд.
8. Ректори Донишгоҳ баъди интихоби мудири кафедра бо ӯ шартномаи меҳнатӣ мебандад. Натиҷаи иҷрои шартнома, инчунин фаъолияти мудири кафедра дар соли якум аз тарафи шуъбаи кадрҳо ва комиссияи махсуси муқарризон (иборат аз 3 нафар), ки бо фармоиши ректори Донишгоҳ таъсис дода шудааст, мавриди санҷиш қарор дода шуда, дар Шӯрои олимон баррасӣ мегардад.
9. Интихоби мудири кафедра дар асоси озмун гузаронида мешавад.

10. Эълон дар бораи гузаронидани озмуни ишғоли вазифаи мудири кафедра аз тарафи Донишгоҳ як моҳ пеш дар саҳифаҳои васоити ахбори умум интишор карда мешавад:
– дар озмун номзадҳо мувофиқ ба ихтисос ва тахассуси кафедра иштирок карда метавонанд;
– номзаде мудири кафедра интихоб мегардад, ки аз се ду ҳиссаи овозҳои аъзои дар Шӯрои олимони Донишгоҳ ширкаткардаро соҳиб шавад.
11. Мудири кафедраи бемориҳои кӯдаконаи №2 дар мавридҳои зерин бозхонд карда мешавад:
– иҷро накардани вазифаҳое, ки Низомномаи мазкур муқаррар намудааст;
– иҷро накардани талаботи шартномаи меҳнатӣ;
– манфӣ арзёбӣ гардидани фаъолияти кафедра;
– бо сабаби вазъи саломатӣ;
– ба синни нафақа расидан;
– бо хоҳиши худ;
– муқаррароти дигаре, ки Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузорӣ амалкунанда муайян намудааст.
12. Маҳдудияти синнусолӣ ҳангоми интихоб ва аз вазифа озод намудани мудири кафедра тибқи талаботи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» муайян карда мешавад.
13. Фаъолияти кафедра тибқи нақшаҳои корӣ, ки иҷрои корҳои таълимию методӣ, илмию таҳқиқотӣ, муолиҷавӣ, иҷтимоию тарбиявӣ
ва робитаҳои байналмилалиро дар бар гирифтааст, ба роҳ монда мешавад.
14. Масъалаҳои ба фаъолияти кафедра алоқаманд, рафти иҷрои нақшаҳо таҳти роҳбарии бевоситаи мудир дар ҷаласаҳои кафедра мавриди муҳокима қарор дода мешавад.
15. Дар ҷаласаҳои кафедра метавонанд профессорону омӯзгорон ва кормандоне, ки аз дигар кафедраҳо, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ё муассисаву ташкилотҳо даъват шудаанд, иштирок намоянд.
16. Дар кафедра бояд ҳуҷҷатҳое мавҷуд бошанд, ки феҳристи онҳо тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалқунанда муайян карда шуда, мундариҷа, усулҳои ташкил ва гузаронидани тамоми шаклҳои фаъолияти кафедраро инъикос намоянд.
17. Фаъолияти кафедра бояд дар самти тайёр намудани номзаду докторҳои PhD, докторҳо аз рӯйи ихтисос ва докторҳо, ки дорои дониш ва маҳорату малакаи баланди касбии барои бомуваффақият фаъолият намудани онҳо зарур, ҳамчунин рушди қобилияти эҷодии донишҷӯ, қобилияти илмии магистр, аспирант, докторант аз рӯйи ихтисос, докторант ва ташаккули мавқеи шаҳрвандии онҳо ба роҳ монда шавад.
18. Кафедра фаъолияти худро дар асоси Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи намунавии муассисаи

таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои мушовараи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоишҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи Донишгоҳ, қарорҳои Шӯрои олимон ва фармоишҳои ректори Донишгоҳ ва Низомномаи мазкур ба роҳ мемонад.

## 2. МАҚСАДИ КАФЕДРАИ БЕМОРИҲОИ КӮДАКОНАИ №2

19. Мақсади асосии кафедраи бемориҳои сироятии кӯдакона омӯзиши сабаб, равишу инкишофи беморӣ, аломатхои сарирӣ, ташхиси лабораторӣ, ташхиси тафриғавӣ, табобат ва пешгирии бемориҳои кӯдакона, ки байни кӯдакон бисёр вомӯхеранд, равона карда шудааст. Барои омӯзиши бемориҳои сироятӣ, ки дар байни кӯдакони синни хурдсол ва калон бештар вомӯхеранд, таълимот аз рӯйи хусусиятҳои организми калоншаванда, ҳассосиятнокии хоси кӯдак ва дастовардҳои илми педиатрия гузаронида мешавад.

## 3. СОХТОРИ КАФЕДРАИ БЕМОРИҲОИ КӮДАКОНАИ №2

20. Сохтор ва ҳайати кафедра ба ҳаҷми соатҳо ва хусусияти сарбории таълимӣ, корҳои илмӣ- таҳқиқотӣ, тарбиявӣ, муолиҷавӣ вобаста аст.
21. Ҷадвали воҳидҳои корӣ (штати)-и кафедра тибқи талаботи дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муқарраргардида ва бо фармоиши ректор тасдиқ карда мешавад.
22. Уҳдадориҳои вазифавии омӯзгорон ва кормандони кафедра тибқи «Дастурамалҳои вазифавӣ» аз ҷониби ректори донишгоҳ муайян карда мешавад.
23. Тартиби баргузории озмуни интихоб ба вазифаҳои омӯзгорони кафедра дар асоси «Низомномаи ишғоли вазифаҳои кафедраи муассисаи таҳсилоти олии кабии Ҷумҳурии Тоҷикистон» муқаррар карда мешавад.
24. Кафедра метавонад лабораториҳои таълимӣ, илмӣ, кабинетҳои методӣ, фаннӣ, синфхонаҳои компютерӣ ва намояндагӣ дар муассисаҳои таҳсилотии миёнаи умумӣ ва корхонаҳои истеҳсоли таъсис диҳад.
25. Ба кафедра вобаста ба ҳаҷми соатҳои таълимӣ ва мавҷуд будани беш аз 15 воҳиди корӣ метавонад аз тарафи райёсати донишгоҳ вазифаи муовини мудир ҷудо карда шавад.
26. Дар кафедра бо мақсади баррасии масъалаҳои таълимӣ-методӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ, семинарҳо, маҳфилҳо ташкил карда мешаванд.
27. Ба ҳайати кафедра профессорон, дотсентон, ассистентҳо, муаллими коромӯз, аспирантҳо, докторантон аз рӯйи ихтисос, докторантон PhD, унвонҷӯён, лаборанти калон ва лаборант дохил мешаванд.

# 4. ВАЗИФАҲОИ КАФЕДРАИ БЕМОРИҲОИ КӮДАКОНАИ №2

28. Дар кафедраи «Бемориҳои кӯдаконаи №2» барои инкишоф ва такмили касбӣ, омӯзонидани донишҷӯён бо фаъолияти асосии муассиса ПМСП, равиши худогонаи тадқиқот, табобат, пешгирӣ, барқарорсозӣ ва диспансеризатсияи маризони гирифтори бемориҳои соматикӣ, ки дар таҷрибаи педиатр бисёр дучор мешаванд, инчунин тамоми аҳолӣ шароити хуб муҳайё карда шудааст.

29. Кафедраи бемориҳои кӯдаконаи №2 вазифаҳои зеринро иҷро мекунад:
- ташкил ва гузаронидани дарсҳои лексионӣ, семинарӣ, амалӣ, лабораторӣ ва дигар намуди машғулиятҳои таълимӣ тибқи нақшаҳои таълимии донишгоҳ;
- роҳбарӣ ба корҳои таълимӣ, корҳои мустақилонаи донишҷӯён, ташкил ва гузаронидани имтиҳону санҷишҳои ҷорӣ;
- ташкил ва ба роҳ мондани корҳои тарбиявӣ дар байни донишҷӯён;
- таҳия ва интишори барномаҳои таълимӣ;
- навиштани тақриз ба барномаҳои таълимие, ки аз кафедраҳои дигар омода гардиданд;
- ба чоп омода сохтани китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ ва дигар маводҳои методӣ, аёният ва ҷорӣ намудани дастовардҳои илмӣ дар раванди таълим;
- якҷоя бо муовини ректор оид ба илм ва нашрия иштирок дар интихоби номзадҳо барои ишғоли вазифаҳои холӣ дар кафедра (комиссияи озмунӣ);
- ташкил намудани конференсияҳои таълимию методӣ;
- дастгирӣ намудан ва ёрии методӣ расонидан ба омӯзгорони ҷавон ва камтаҷриба дар роҳи такмил додани маҳорати педагогии онҳо;
- баррасии нақшаву барномаҳои инфродии таълимӣ, илмӣ, методӣ ва корҳои тарбиявии устодон ва кормандони кафедра;
- таҳия ва баррасии чорабиниҳо оид ба истифодаи маводҳои муосири таълимӣ ҳангоми машғулиятҳои амалӣ ва назариявӣ.

30. Фаъолияти илмии кафедра:

- ба роҳ мондани корҳои илмию методӣ дар асоси нақшаҳои тасдиқшуда;
- роҳбарӣ ба корҳои илмию тадқиқотии донишҷӯён ва дар ташкилу гузаронидани конференсияҳои илмию назариявӣ;
- муҳокимаи корҳои илмию тадқиқотӣ ва татбиқи онҳо дар амалия;
- ба нашр тавсия намудани таълифоти анҷомёфта;
- назорати ҷараёни тайёр намудани докторантҳо, аспирантҳо, унвонҷӯён ва такмили тахассуси илмии омӯзгорони кафедра;
- созмон додани чорабиниҳои илмӣ (конференсияҳои илмию назариявӣ);

31. Фаъолияти хоҷагидории кафедра: донишгоҳ кафедраро барои фаъолияти кормандонаш бо ҳуҷраҳо, дастгоҳҳо, лавозимотҳои таълимӣ ва ғайраҳо таъмин менамояд;

- дар мӯҳлатҳои муайяншуда гузаронидани таъмири ҷорӣ ва капиталии ҳуҷраҳои кафедраҳо, ки бо мақсади таълимию педагогӣ ва илмию тадқиқотӣ истифода карда мешаванд;
- назорат ва таъмини таъмири лавозимотҳои таълимӣ, коммуникатсияҳои муҳандисию техникӣ барои босифат гузаронидани чараёни таълим ва тадқиқотҳои илмӣ;
- Раёсати Донишгоҳ якҷоя бо мудири кафедра иҷроиши қоидаҳои бехатарии техникӣ, ҳифзи меҳнатӣ ва бехатарии зиддисухториро таъмин менамояд.

32. Фаъолияти табобатӣ

- ташкили корҳои табобатӣ-диагностикӣ мувофиқи нақшаи тасдиқгардида дар кафедра;
- гузаронидани конфронсҳои клиникӣ доир ба мавзӯъҳои актуалии бемориҳои сироятии кедакона;
- мунтазам гузаронидани машваратҳои клиникии беморон дар пойгоҳи кафедра бистарӣ буда, марказҳои саломатии шаҳрӣ аз тарафи мудири кафедра, профессорон ва дотсентон бо иштироки донишҷӯён;
- амалӣ гардонидан ва дуруст истифода бурдани усулҳои муосири ташхис ва табобати беморон мурохиаткунанда ба табиби педиатр;
- муҳайё сохтани шароит барои донишҷӯён бо мақсади азхуд намудани малакаҳои амалии педиатрӣ;
- расонидани ёрии тибби-машваратӣ ба муассисаҳои тиббии шаҳри Душанбе;
- ташкил ва гузаронидани корҳо дар самти васеъ гардонидани робитаҳои кафедра бо муассисаҳои истеҳсолӣ, илмӣ, таълимӣ ва расонидани ёрии амалӣ ба онҳо ҷиҳати тайёр намудан ва бозомӯзии кадрҳо, иҷро ва экспертизаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ.

## 5. ҲУҚУҚҲОИ КАФЕДРАИ БЕМОРИҲОИ КӮДАКОНАИ №2

33. Дастрас намудани маълумот оид ба ташкили раванди таълим ва масъалаҳои ба фаъолияти кафедра алоқаманд аз сохторҳои Донишгоҳ.

34. Ташкили корҳо дар самти тайёр кардан ва аз курсҳои такмили ихтисос гузаронидани кадрҳои илмӣ-педагогӣ.
35. Омӯзиш, пуррагардонӣ ва паҳн намудани таҷрибаи кори омӯзгорони собиқадор, расонидани ёрии амалӣ ба омӯзгорони ҷавон дар азхудкунии маҳорати педагогӣ.
36. Муҳокимаи корҳои хатми рисолаҳои номзадӣ, докторӣ аз рӯи ихтисос дар кафедра.
37. Баррасии масъалаҳои ба фаъолияти кафедра алоқаманд тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

38. Иштирок дар Шӯрои олимон ва шӯроҳои илмӣ-методии факултет, ҷаласаҳои дигар кафедраҳои Донишгоҳ.

## 6. ВАЗИФАҲОИ МУДИРИ КАФЕДРАИ БЕМОРИҲОИ КӮДАКОНАИ №2

39. Мудири кафедра вазифадор аст:

- дар ҷаласаҳои кории сохторҳои Донишгоҳ, ки дар назди онҳо масъалаҳои ба фаъолияти кафедра алоқаманд муҳокима карда мешаванд, иштирок намояд;
- ҷаласаҳои кафедраро таъин ва баргузор намояд;
- маҳфилҳо, семинарҳои илмию методӣ, мизҳои мудаввар ва дигар чорабиниҳои ба масъалаҳои таълимӣ-методӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ ва иҷтимоӣ-тарбиявии кафедра вобастаро ташкил диҳад;
- дар ҷаласаҳои Шӯрои олимони факултет ва Донишгоҳ ҷиҳати ворид намудани тағйироту иловаҳо ба нақшаҳои таълимӣ, нақшаҳои кории ихтисосҳои амалкунанда ва масъалаҳои ба самтҳои фаъолияти кафедра алоқаманд, пешниҳод манзур намояд;
- нақшаҳои тақвимии кафедра, нақшаҳои инфиродии омӯзгорон, барномаҳои кории фанҳои таълимӣ (силабус) ва тақризҳои кафедраро тасдиқ кунад;
- ҳисоби соатҳои кафедраро муайян намуда, сарбории таълимӣ ва дастурҳои вазифавиро дар байни ҳайати профессорону омӯзгорони кафедра тақсим намояд;
- ҳангоми ҷой доштани зарурати истеҳсолӣ вазифаи муовини мудири кафедра ва роҳбари маҳфилро дар асоси ҷамъиятӣ ташкил кунад;
- сифат ва иҷрои саривақтии сарбории таълимӣ, уҳдадориҳои вазифавӣ, гузаронидани тамоми шаклҳои корҳои таълимӣ ва илмӣ-таҳқиқотиро аз ҷониби ҳайати омӯзгорон ва кормандони кафедра назорат кунад;
- интихоб ва ба Шӯрои олимони факултет ва донишгоҳ пешниҳод намудани номзадии омӯзгорону кормандонро ба вазифаҳои холӣ амалӣ созад;
- тибқи талаботи амалкунанда ҳуҷҷатҳои омӯзгорону кормандонро барои дар кафедра ба кор қабул кардан, пешниҳод намояд;
- барои додани мукофот ё муҷозот ба ҳайати омӯзгорон ва кормандон ба садорати факултет ва раёсати Донишгоҳ бо пешниҳод муроҷиат намояд;
- ҷиҳати самаранок ташкил ва гузаронидани корҳои таълимию методӣ, илмию таҳқиқотии ҳайати омӯзгорон ва кормандон аз роҳбарони сохторҳои дахлдори Донишгоҳ таъмин гардонидани кафедраро бо васоити моддию техникӣ ва иттилоотию коммуникатсионӣ талаб кунад;
- оид ба масъалаҳои такмили раванди таълим, ташкили корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, тайёр намудани кадрҳои илмӣ-педагогӣ дар ҷаласаҳои Шӯрои олимони факултет ва Донишгоҳ бо пешниҳод баромад кунад;

- аз ҳайати омӯзгорон ва кормандони кафедра риояи қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Донишгоҳ, интизоми меҳнат, иҷрои уҳдадориҳои вазифавӣ ва истифодаи самараноки захираҳои таъминкунандаи фаъолияти кафедраро талаб намояд.

## 7. УҲДАДОРИҲОИ КАФЕДРАИ БЕМОРИҲОИ КӮДАКОНАИ №2

40. Ҳайати омӯзгорон ва кормандони кафедра уҳдадоранд, ки фаъолияти худро тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оиннома қоидаҳои тартиботи дохилии Донишгоҳ ба роҳ мемонад.

41. Мудири кафедра барои ташкил намудани фаъолияти кафедра, нақшагирӣ ва ташкили раванди таълим, ба роҳ мондани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, иҷтимоӣ-тарбиявӣ, интизоми меҳнат масъулият дорад.

42. Уҳдадориҳои мудир, ҳайати профессорону омузгорон ва дигар коргарони ёрирасони кафедра тибқи дастурамалҳои вазифавие, ки бо пешниҳоди мудири кафедра аз ҷониби ректори Донишгоҳ тасдиқ шудааст, муайян карда мешавад.

**Эзоҳ.**

Кафедра дар асоси нақшаи корӣ ҳар моҳ 1 маротиба ҷаласа мегузаронад.

Дар ҳолати набудани мудири кафедра вазифаи мудири кафедраро яке аз устодони ботаҷрибаи кафедра иҷро мекунад.

Барои навиштани рисолаҳои номзадӣ, докторӣ, навиштани китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимию методӣ, омӯзгорони кафедра метавонанд ба муддати аз се моҳ то шаш моҳ ба рухсатии эҷодӣ бароянд.

Фаъолияти ҳамасолаи кормандони кафедра бо роҳи анкетагузарони дар байни донишҷӯён аз тарафи муовинони ректор ва зершӯъбаҳои донишгоҳ муайян карда мешавад;

Ҳангоми иҷро нагардидани уҳдадориҳои вазифавӣ ва содир намудани ҳуқвайронкуниҳо, корманд тибқи қонунҳои амалкунанда ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

Низомнома дар ҷаласаи кафедраи бемориҳои кӯдаконаи №2 аз _______________ 2022 баррасӣ гардидааст.

Протокол № аз _________________________ 2022.

## 8. ВАРАҚАИ БАҚАЙДГИРИИ ТАҒЙИРОТ

| № | Сабаби тағйирот | Рақами саҳифа | Хулосаи тағйирот | Санаи тағйирот | Номи пурра, имзои шахсе, ки тағйирот ворид кардааст |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |

## 10. ВАРАҚАИ ТАСДИҚ


| | | | |
|---|---|---|---|
| | *МДТ «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино»* | *Низомномаи кафедраи бемориҳои кӯдаконаи №2* | *«11»* |

10. ВАРАҚАИ ТАСДИҚ


| № | Вазифа | Ному Насаб | Санаи тасдиқ | Имзо |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Муовини ректор оид ба корҳои таълимию методӣ | д.и.т., профессор Ибодзода С.Т. | | |
| 2. | Муовини ректор оид ба корҳои илм ва инноватсия | д.и.т Муҳаббатзода Ҷ. Қ. | | |
| 3. | Муовини ректор оид ба корҳои тарбия | н.и.т., дотсент Қурбонбекова П.Қ. | | |
| 4. | Муовини ректор оид ба корҳои муоличавӣ | н.и.т., дотсент Қобилов Қ.К. | | |
| 5. | Муовини ректор оид ба корҳои хоҷагидорӣ | н.и.т., дотсент Хокироев Т.З. | | |
| 6. | Сардори Хадамоти ректор | н.и.т., дотсент Носири Қ.Н. | | |
| 7. | Декани факултаи педиатрӣ | д.и.т. Усмонова Г.М. | | |
| 8. | Директори маркази рушди стратегӣ ва менеджмент | н.и.т. Махмудзода Х.Р. | | |
| 9. | Сардори раёсати рушди кадрҳо | н.и.т. Абдуллозода С.М. | | |
| 10. | Сардори шуъбаи назорати ҳуқуқӣ | Саидзода Х.З. | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |

# 11. ВАРАҚАИ ШИНОСОӢ

*МДТ «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино»* | *Низомномаи кафедраи бемориҳои кӯдаконаи №2* | *«12»*

10. ВАРАҚАИ ШИНОСОӢ

| № | Вазифа | Ному насаб | Санаи шиносоӣ | Имзо |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Мудири кафедра, н.и.т., дотсент | Давлатова С.Н. | | |
| 2. | Профессори кафедра, д.и.т. | Исмоилов К.И. | | |
| 3. | Дотсенти кафедра, н.и.т. | Тоҷибоева З.А. | | |
| 4. | Дотсенти кафедра, н.и.т. | Юсупова М.А. | | |
| 5. | Дотсенти кафедра, н.и.т. | Хоҷаева Н.Н. | | |
| 6. | Ассистенти кафедра, н.и.т. | Муҳаммаднабиева Ф.А. | | |
| 7. | Ассистенти кафедра, н.и.т. | Расулова С.А. | | |
| 8. | Ассистенти кафедра, н.и.т. | Шарипова М.Н. | | |
| 9. | Ассистенти кафедра, н.и.т. | Давлатов С.Т. | | |
| 10. | Ассистенти кафедра | Қурбонов Н.М. | | |
| | | | | |